# МОДУЛИ 2

**МАВЗӮИ ЛЕКСИЯ: Методологияи психологияи бачагона.**

**1.** Аҳамият ва моҳияти омӯхтани методҳои илмӣ- тадқиқотии психологияи бачагона.
**2.**Методҳои асосӣ.
5.Методҳои ёрирасон.

Методхои илми -тадкикотиро дар психологияи бачагона ба монанди психологияи умуми ва синнусоли  дар халли проблемахои ба вучуд омада истифода мебаранд. Методхо барои инкишофи хаматарафаи илми психология мусоидат мекунад ва хусусиятхои психологияи кудакро вобаста бо тагиротхои ичтимои, иктисоди, сиёси ва маънавию ахлокии чамъият меомузад. Хусусиятхои психологии кудак ба шароитхои оилави, мухити ичтимои, муносибати байнихамдигари, ба тарзу усули таълиму тарбияи падару модар ва тарбиядихандагон вобастааст.

Ба воситаи методхои илми тадкикоти тагиротхои сифатию  микдори ва инкишофи фаъолияти маърифати, холатхои эмотсионали- иродави, хусусиятхои фарди психологии кудак дар даврахои гуногуни синнусоли омухта мешавад, вобаста ба он падару модарон ва мураббия методхои таълиму тарбияро дуруст интихоб менамоянд.

Дар психологияи бачагона методхои асоси ва ёрирасон фарк када мешавад. Ба методхои асоси методи мушохида ва озмоиш дохил мешавад. Дар навбати худ методи мушохида ба намудхо чудо мешаванд:

- яклухт
- интихоби.

Дар рафти мушохидаи яклухт тадкикотчи ва ё мурабби дар як вакт якчанд хусусиятхои психологии кудакро мушохида бурда метавонад ва дар фаъолияти харруза мураббия кудакро дар шароити табии дар рафти ичрои фаъолиятхои гуногун ба монанди бози, таълим, мехнат назорат карда, хусусиятхои фарди – психологии кудакро  муайян менамояд.

Дар рафти мушохидаи интихоби ягон чихат, рафтор хусусиятхои психологии кудак дар фаъолиятхои гуногун омухта мешавад. Барои ба даст овардани натичахои дилхох тадкикотчи ба талаботхои муайян бояд риоя карда ба принсипхои системаноки ва пайдархами такя намояд.

Барои муайян намудани ин ё он хусусиятхои психологии кудак дар методи озмоиш ташкили шароити мусоид лозим аст. Методи озмоиш дар шароити табии ва дар рафти фаъолиятхои бози, мехнат, таълим; ифодашавии эмотсия, муносибати кудак ба ашё, ходисахо, бо хамсолон ва калонсолонро муайян менамояд. Ин метод методи мушохидаро пурра менамояд ва татадкикотчи вазифаи мушохидакорро ичро менгамояд. Методи озмоиш низ ба намудхои зерин чудо мешавад:

- Табии;
- Лабаратори;
- Икишофдиханда.

Озмоиши табии дар рафти ягон фаъолият, машгулиятхои гуногун, дар сайругашт истифода бурда мешавад ва ба воситаи он шавку хавас, кобилият, тагирёбии холати эмотсионалии кудакони гурухро муайян кардан мумкин аст. Дар он фаъолият муносибат, сифатхои характер, холатхои эмотсионалии кудак ифода меёбад, ки онро тадкикотчи мушохида менамояд. Масалан: дар вакти бози як нафар кудак афтид, дар ин холат кудаки озмудашаванда чи гуна нисбати у муносибат мекунад:

a) Ба у гамхори карда кумак мерасонад;
b) Аз афтидани у хурсан шуда механдад;
c) Гамгин мешавад, аммо кумак намерасонад.

Озмоиши лабараторӣ аз тарафи Вилгельм Вундт коркард шуда буд. Озмоиши лабараторӣ дар ҷои махсус ташкил карда шуда гузаронида мешавад ва максади озмоиш ба кудаки озмудашаванда фахмонда дода мешавад. Тадкикотчи метавонад аз асбобхои техники истифода барад. Масалан суратгирак, маениаафон, камера ва дигар асбобхо барои муайян намудани узвхои бинои, шунавои, кори дил ва гайра.

Озмоиши инкишофдиханда барои аз ягон чихат инкишоф додани фаъолияти психикии кудак гузаронида мешавад. Масалан барои инкишоф намудани хотири кудак.

Барои хаматарафа омухтан ва муоина еамудани кудак дар рафти мушохида ва озмоиш аз методхои ёрирасон истифода мебаранд: сухбат,омузиши махсули фаъолият, сотсиометрия, тест.

Сухбат ин гуфтугуи ду ва ё зиёда одамон мебошад дар психология барои муайян намудани хусусиятхои инкишофи психикии кудак ин метод васеъ истифода мешавад. Сухбатро бо як кудак ва ё як гурух кудакон гузаронидан мумукин аст. Максади гузаронидани сухбат ба кудак фахмонда намешавад. Шахсе, ки сухбат мегузаронад накшаи сухбатро пешаки тартиб медихад ва дар рафти сухбат аз расм ва ё ашё истифода бурда мешавад. Чавобхои кудаконро ба хотир гирифта баъд ба рузнома кайд мекунад. Дар гузаронидани сухбат бояд хусусиятхои синнусоли ва фардии кудак ба назар гирифта мешавад.

Методи омузиши махсули фаъолият дар психологияи бачагона васеъ истифода бурда мешавад. Бо ёрии он шавку хавас, махорат, кобилият ва хусусиятхои психологии кудак омухта мешавад. Махсули кудак –расм, суроби ашё, бозичаи сохташуда, наиштачоти кудак дар дафтар ва г. шуда метавонад. Аз руи он эчоткори ва кобилияти кудак омухта ва мукоиса карда мешавад. Аз руи натичаи ин метод кори минъбадаро муайян кардан мумкин аст.

Методи сотсиометрия аз тарафи психологи америкои Чон Марено кор карда баромада шудааст. Бо ёрии ин метод шаклхои гуногуни муносибатхо байни кудакон муайян карда мешавад. Муносибатхои мусби:  дусти,рафокат, хамдигарфахми ва манфи:  бадбини, бефарки инчунин сабабхои бартараф кардани он муайн шуда барои ташкил намудани  мухити солим дар гурух ёри дода мешавад.

Методи тест аз тарафи Алфред Бинэ барои муайян кардани дарачаи кобилияти аклии одамони синнусоли гуногун пешниход мешавад. Барои муайян кардани кобилияти акли ва камакли саволномахо, супоришхо, машкхо тартиб дода мешавад. Ба воситаи тест аз худ кардани барномахои таълими  аз тарафи кудакон дар таълигоххо, интихоби роххои самарабахши ташкили фаъолияти таълими муайн карда мешавад.